

## Зиндагинома[вироиш]

Абӯмуҳаммад Илёс ибни Юсуф ибни Закии Муайид мутахаллис бо номи Низомӣ шоир ва мутафаккири бузург, бунёдгузори мактаби хамсанависӣ мебошад. Ӯ соли 1141 дар шаҳри Ганҷа таваллуд ёфтааст. Ганҷа он вақт маркази Озарбойҷони шимолӣ буда, шаҳри бузургу тараққикарда ҳисоб меёфт. Як гурӯҳи адибону донишмандон дар он ҷо ҷамъ омада буданд. Мувофиқи маълумоти бисёр манбаъҳои таърихӣ ва адабӣ аҷдоди падарии Низомии Ганҷавӣ аз аҳли Қуми Эрон будаанд. Модари шоир аз деҳоти атрофи Ганҷа ва ба қавли худи шоир "раисаи курд" буд.

Падари Низомии Ганҷавӣ ва аҷдоди ӯ аз аҳли илм буданд. Шоир дар хурдсолӣ аз падару модар маҳрум гашт. Тарбия ва сарпарастии ӯро тағояш Хоҷа Умар ба ӯҳда гирифт. Таҳсилаш пурра дар зодгоҳаш гузаштааст. Дар омӯхтани илмҳои гуногун Низоми кӯшиши зиёд дошт. Ӯ аз илмҳои замонааш фиқҳ, калом, фалсафа, ҳайат, ҷуғрофия, нуҷум, риёзиёт, тиб, кимиё баҳраманд гардида, аз ҷавонӣ ба шеър гуфтан оғоз намуд.

Дар баробари донистани илмҳои замони худ, Низомӣ аз мероси бадеии Юнони Қадим, ёдгориҳои хаттии паҳлавӣ, осори илмию адабии араб, таърихи халқҳои Қафқоз ва адабиёти форсу тоҷик пурра огоҳ буд. Вай адабиёти даҳонии халқи худ ва расму одоби насронию яҳудӣ ва паҳлавиро хуб медонист. Илмҳои табиӣ, махсусан, тиб ва нуҷум (астрономия)-ро хуб аз худ карда буд. Умуман, Низомӣ аз илмҳои зиёде баҳравар буд. Аз ҳамин сабаб, ӯро ҳамчун донишманди ҳамадон, яъне ҳаким эътироф карда буданд. Зиндагии Низомии Ганчавӣ пурра дар Ганҷа гузаштааст. Боре бо даъвати Туғралшоҳ ба Табрез сафар кард, вале дар он ҷо фақат се рӯз истода тавонист.

Ҳаким Низомии Ганҷавӣ умрашро берун аз дарбор, дар озодиву сарбаландӣ гузаронидааст. Ӯ бо шоҳон робита дошта бошад ҳам, касеро мадҳ накардааст. Ҳаким Низомии Ганҷавӣ соли 1209 дар Ганҷа даргузашт. Холо дар болои турбати ӯ мақбараи муҳташаме сохта шудааст. Халқи Озарбойҷон нисбат ба Низомӣ Ганҷавӣ ифтихор ва эҳтироми бузург дорад. Дар Ганҷа ва Боку ҳайкалҳои муҳташами Низомӣ Ганҷавӣ гузошта шудаанд. Низомии Ганчавӣ дар адабиёти ҷаҳон бо достонҳои худ машҳур аст. Тамоми осори ӯ ба забони форсӣ навишта шудааст.

## Эҷодиёт[вироиш]



Миниатюра аз дастнависи "Хамса"-и Низомӣ, соли 1494

Ёдгории ҷовидонаи Низомӣ Ганҷавӣ “Хамса”-и ӯст, ки онро **Панҷ ганҷ** низ меноманд.

**Хамса** аз панҷ достон иборат аст:

- **Махзануласрор** (форсӣ: مخزن الاسرار) — «Хазинаи асрор», ки соли 1163 (1176) эҷод шудааст;
- **Хусрав ва Ширин** (форсӣ: خسرو و شیرین) — дар давоми 16 соли қамарӣ 1175/1176 и 1191 эҷод шудааст;
- **Лайли ва Маҷнун** (форсӣ: لیلی و مجنون) — соли 1188 эҷодшудааст;
- **Ҳафт пайкар** форсӣ: هفت پیکر) — соли 1197 эҷод шудааст;
- **Искандарнома** (форсӣ: اسکندرنامه) — дар фосилаи солҳои 1194 ва 1202 эҷод шудааст.

Ин маҷмуаи достонҳо дар инкишофи минбаъдаи адабиёти Шарқ мақоми арзандае доранд ва боиси пайдоиши анъанаи хамсасарой гаштаанд. Хамса-и Низомии Ганчавӣ бо рангинии мазмун, тозагии санъат, ғановати забон, пардози сухан ва маҳорати нигорандагии муаллиф машҳур гардида, дар он масоили муҳими иҷтимоӣ ва ахлоқӣ гузошта шудааст. Муаллиф мардумро ба кӯшишу кор, илму донишомӯзӣ, ғанимат донистани умр, покии ахлоқ, шарму ҳаё, ҳақиқатгӯию накӯкорӣ ва ғамхорӣ нисбати одамон тарғиб намуда, подшоҳонро ба адолатпарварӣ ва саховату раиятпарварӣ ҳидоят мекунад. Забони **Хамса** ниҳоят бой, рангин, васеъ ва фаҳмост. Низомӣ Ганҷавӣ чун саррофи сухан дар истеъмоли калимаҳои хушоҳанг, ибораю таъбирҳои рехтаи халқӣ ва мақолу зарбулмасалҳо ниҳоят борикбин аст. Ин заркориҳои ӯ мусиқият ва хушоҳангии достонҳоро ба вуҷуд оварда, хонданашро гуворо мегардонад. Низомии Ганчавӣ аз шоирони дорои мактаби адабии хос мебошад. Шоири инсондӯст ва халқпарвари бузург бо Осори гаронбаҳояш дар ганҷинаи маданияти ҷаҳонӣ саҳми калон гузоштааст. Замони зиндагонии Низомӣ Ганҷавӣ, сарфи назар аз нооромиҳои феодалӣ, давраи шукуфони таърихи тамаддуни халқҳои Қафқоз, Эрон ва Осиёи Миёна буд. Дар асри XII дар Озарбойҷон шоирони муқтадире чун Абӯлаъло Ганҷавӣ, Изиддини Шервонӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Ҳоқонии Шервонӣ зиста, дар Гурҷистон Шота Руставеллӣ, дар Арманистон Нерсес Шноралӣ зиндагӣ ва эҷод мекарданд. Низомӣ хусусан бо шоирони Ганҷаву Шервон, хоса бо Маҳастии Хуҷандӣ қаробати маънавӣ дошт.

Аввалин достони **«Хамса»**, «Махзануласрор» аз 2260 байт иборат буда, соли 1176 эҷод гаштааст. «Махзануласрор» асари фалсафиву ахлоқӣ мебошад. «Хисраву Ширин» дуюмин асари **«Хамса»** буда, достони ишқиву ахлоқӣ ва гуманистӣ аст. Низомӣ дар тасвири ишқи поку самимӣ ва вафодориву ҷонфидоии қахрамони достон маҳорати баланди суханварӣ ва эҷодкорӣ зоҳир карда, дар симои Фарҳод муҳаббати бузургу заволнопазирро нишон додаст. Мунозираи ошкоро ва гуфтугӯи ду нафар ошиқ, яъне Хусрав ва Фарҳод худ баёнгари неруи тавонои суханварии шоир мебошад: